**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии № ___**

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 24 ноябри соли 2020, № 37
дар бораи ба Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

Диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 18.08.2020, суратмаҷлиси № 23 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.06.2019, № 133) қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич 19-уми марти соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2014 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кор қабул шудааст (фармоиш дар бораи қабул аз 23.10.2014 с., №445-6). Солҳои 2015-2018 аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад (фармоиш дар бораи қабул аз 20.01.2015 с., №22-05). Мавзӯи диссертатсия – «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст (суратмаҷлиси № 09 (14-15) аз 03.04.2015).

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардида, дар ҷаласаи он муҳокима карда шуда, ба ҳимоя тавсия дода шудааст (суратмаҷлиси № 8 аз 17 марти соли 2020).

**Роҳбари илмӣ:**

**Раҳимзода Маҳмад Забир** – узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**Муқарризони расмӣ:**

Исмоилов Шавкат Маҳмудович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

Мирзоев Парвиз Исроилович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қудратов Н.А. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Фақеров Ҳ.Н. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзӯи диссертатсия, муаллифи 12 мақолаи илмӣ мебошад, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тавсиядиҳанда ба табъ расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандии зич дорад.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Шарифов, И.М., Некоторые вопросы, касающиеся правового регулирования малого предпринимательства в Республике Таджикистан / И.М. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2016. – № 2/9 (218). – С. 280-284.

2. Шарифов, И.М., Правовые стимулы и органичения развития малого предпринимательства / И.М. Шарифов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/9. – С. 218-222.

3. Шарифов, И.М., Асосҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши соҳибкории хурд / И.М. Шарифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/10. – С. 273-276.

4. Шарифов, И.М., Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии ҳунармандӣ ҳамчун шакли фаъолияти соҳибкорӣ / И.М. Шарифов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2019. – № 1 (25). – С. 147-156.

5. Шарифов, И.М., Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.М. Шарифов // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – № 1 (45). – С. 147-156.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

6. Шарифов, И.М., Правовой статус субъектов малого предпринимательства по законодательству Республике Таджикистан / И.М. Шарифов // Правовая жизнь. – Душанбе, 2016. – № 4 (16). – С. 171-178.

7. Шарифов, И.М., Доир ба баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.М. Шарифов // Қонунгузорӣ. – 2016. – № 1 (21). – С. 70-74.

8. Шарифов, И.М., Меъёрҳои Конститутсия – ибтидои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ / И.М. Шарифов // Нақши Конститутсия дар

инкишофи соҳаҳои ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводҳои конфронси илмӣ–назариявӣ бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Диноршоев А.М. – Душанбе: Эксклюзив, 2016. – С. 96-101,

9. Шарифов, И.М., Правовое регулирование малого предпринимательства в Республике Таджикистан / И.М. Шарифов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ», «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – С. 421-422.

10. Шарифов, И.М., Танзими ҳуқуқӣ ва рушди фаъолияти ҳунармандон ҳамчун субъекти соҳибкории хурд / И.М. Шарифов // Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷорат ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ аз 18-уми майи соли 2018) / Зери таҳрири номзадҳои илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ва дотсент Сангинов Д.Ш., Душанбе: ЭР-граф, 2018. – С. 150-153.

11. Шарифов, И.М., Мафҳум ва моҳияти соҳибкории хурд / И.М. Шарифов // «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба 25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳуриии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 30-юми октябри соли 2019) / Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – С. 339-343.

12. Шарифов, И.М., Доир ба баъзе масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.М. Шарифов // Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он (Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ, ш. Душанбе, 7 декабри соли 2019) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода А.И., Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – С. 184-188.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби Раҷабов С.А. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; Раупова М.Т. - доктори илмҳои ҳуқуқ, муовини директори Маркази

таълимии судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Раҷабзода М.Н. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт; Тоҷибоев Ш.А. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон; Сидиқов Д.А. - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба зарурати қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи дастгирии соҳибкории хурд»; мақсаднок будани қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи фондҳои замонатӣ»; пешниҳоди фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд; оид ба зиёд намудани маблағи сармояи оинномавии ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд; истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ барои муайян кардани субъекти соҳибкории хурд; пешниҳоди мафҳуми фаъолияти ҳунармандӣ; таҳлили ҷамъиятиҳои дорои масъулияташ маҳдуд ҳамчун предмети таҳқиқот; мавқеи муаллиф доир ба бо ҳам мутобиққунии Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ва Кодекси андоз оид ба гардиши маблағҳои соҳибкорони хурдро фаро мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ:**

- табиати ҳуқуқии соҳибкории хурд мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд **коркард** шудааст;

- мафҳуми ҳунармандӣ ҳамчун як навъи соҳибкории хурд пешбинӣ шуда, ташаккул ва рушди қонунгузории ҶТ дар соҳаи соҳибкории хурд мавриди **пажӯҳиш** қарор дода шудааст;

- дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷониба ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун субъекти соҳибкории хурд **исбот шудааст;**

- хусусиятҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии онҳо **ошкор** гардидааст;

- ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди соҳибкории хурд ва роҳҳои дигари пешравии онҳо бо шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд **асоснок** карда шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки:**

- натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди соҳибкории хурд мусоидат карда, сабаби такмили фаҳмиши падидаи номбурдаи ҳуқуқи соҳибкорӣ мегарданд;

- мафҳуми фаъолияти ҳунармандӣ ҳамчун як навъи мустақили фаъолияти соҳибкории хурд **пешниҳод** шудааст;

- масъалаҳои назарӣ ва усулии соҳибкорони хурд ҳамчун субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ муайян карда шудааст;

- проблемаҳои асосии марбут ба соҳибкории хурд таҳқиқ шудаанд;

- бобати такмил додани масъалаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд пешниҳодҳои мушаххас баён гардидааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот як қатор усулҳои умумиилмӣ ва хусусӣ, ба монанди: мантиқӣ, диалектикӣ, оморӣ, ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ ва усулҳои байнисоҳавӣ **истифода** шудаанд.

Ҳамчунин ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанию хориҷӣ ба монанди И.В. Амирханова, А.О. Блинов, В.С. Белих, В.Г. Игнатов, В.В. Волкова, Е.А. Суханов, Е.П. Губина, И.В. Ершова, Ш.М. Менглиев, Ш.М. Исмоилов, А.Қ. Каримов, А.К. Коршунов, Ф.А. Маҳмадшоев, А.В. Михайлов, О.Н. Горбунова, В.А. Ойгензихт, В.Ф. Попондопуло, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов, С.Г. Пепеляев, В.В. Сичинава, М.А. Суптаев, Е.Е. Тонков, И.В. Черняков ва дигарон **омӯхта** шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

- пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф заминаи мусоидро баҳри ташаккули қонунгузорӣ оид ба соҳибкории хурд, беҳтар намудани ҳолати ҳуқуқии субъектҳои баамалбарорандаи он, асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ ҷиҳати рушди соҳибкории хурдро ба миён меорад. Ҳамзамон, пешниҳоду дастовардҳои муаллиф метавонад, ҳангоми таҳия ва татбиқи консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар самти рушди соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода шаванд;

- маводи диссертатсия метавонад ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ ва курси махсуси асосҳои танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои хатми бакалаврӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо вобаста ба мавзӯи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад;

- таклифу пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсир ва татбиқи ҳуқуқи марбут ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти илмӣ-амалӣ доранд.

**Баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои таҳқиқот ошкор намуд, ки:**

- нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ, ки оид ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

– дар таҳқиқоти диссертатсионӣ санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асарҳои илмӣ истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашударо таъмин мекунанд;

- натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд;

- натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ барои рушди ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳумҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои илмӣ, интишороти ӯ исбот карда мешаванд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз 24 ноябри соли 2020 қарор қабул карда шуд, ки ба Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 16 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобили нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**
**24 ноябри соли 2020**